# Пеш аз фитнаҳои монанди пораҳои шаби торик ба анҷоми аъмол бишитобед

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Пеш аз фитнаҳои монанди пораҳои шаби торик ба анҷоми аъмол бишитобед. (Он ҳангом ки) мард дар ҳоле шабро ба саҳар мерасонад, ки муъмин аст ва ҳангоми шом кофир мешавад, ё саҳарро дар ҳоли муъмин будан ба шом мерасонад ва саҳар кофир мешавад. Дини худро дар баробари молу матои дунё мефурӯшад."
[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) муъминро ба шитоб дар анҷом додани корҳои хайр ва бештар анҷом додани корҳои нек ва пеш аз он ки ба сабаби рӯй додани фитнаҳо ва шубҳаҳое, ки аз анҷоми корҳои нек пешгирӣ мекунад ва анҷоми он имконнопазир мегардад, ташвиқ мекунад. Фитнаҳое, ки монанди пораҳои шаби торик аст ва дар он ҳақ ва ботил ба ҳам омехта мешавад ва фарқ кардан байни он ду барои инсон душвор мегардад ва лағжиши инсон ба ҷое мерасад, ки саҳар муъмин аст ва дар вақти шом кофир мешавад, ё ҳангоми шом муъмин аст ва саҳар кофир мешавад. Динашро барои молу матои дунё, ки зудгузар аст, мефурӯшад.



النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee